## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

1.Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти № 24/шд тасдиқ гардида, (бо тағйири ҳайат аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърих ва методики таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гардидааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқ мебошад. Мубрамии мавзуи рисолаи мазкур дар он аст, ки бо таҳкими истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани шахсиятҳои маъруфи халқи тоҷик ба ҳукми анъана даромад. Имрӯзҳо дар партави нишондодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯй овардан ба мероси таърихии гузаштагон аҳаммияти хоса пайдо менамояд. Инро пай бурдан душвор нест, ки рисолати таърих метавонад барои миллат ва бедор намудани худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, афзун намудани донишҳои таърихии насли наврас хизмат намояд. Дар ин росто таҳқиқи саҳифаҳои таърихи мероси арзишманди маънавии гузаштагон дар мисоли «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI масъалаи муҳим ва арзишманди таърихӣ ба шумор меравад.

2.Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар таълифи 1 монография, 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дигар дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогири мазмун ва моҳияти

диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

3.Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳги №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонад дар омӯзиши таърихи миллати тоҷик ва илму фарҳанги он аҳаммияти бузурги таърихӣ дорад. «Бадоеъ–ул–вақоеъ» аз ҷониби мутафаккир ва воқеанигори тоҷик Зайниддин Восифӣ бо забони содаи тоҷикӣ форсӣ навишта шуда, ҳамчун осори муътабари таърихӣ дар доираҳои илмии бисёре аз кишварҳои олам шуҳрат дорад. Воқеан ҳам, таърихи ин ё он давраро бештар аз рӯи манбаъҳои таърихии сафарномаву сиёсатномаҳо, васиятномаву зафарномаҳо, шоҳномаву ёддоштҳои адибону мутафаккирони гузашта омӯхта баҳогузорӣ мекунанд. «Бадоеъ–ул–вақоеъ» сарчашма ва маъхази нодири таърихӣ буда, ҷанбаҳои гуногуни рӯзгори халқи тоҷикро дар худ фаро гирифтааст.

4.Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳиши назарӣ ва амалии паҳлуҳои Диссертатсия дар асоси яке аз сарчашмаҳои муътабари насри форсӣ «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддини Восифӣ ва қиёси додаҳои он бо дигар маъхазҳои хаттӣ, рисолаҳои илмии донишмандони ҳавзаҳои илмии Аврупо, Эрон ва Тоҷикистон навишта шудааст.

5.Дар таҳқиқоти диссертатсионии Сайдализода Рустам Абдулло истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Сайдализода Рустам Абдулло маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-

этнографии асрҳои XV-XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин тавсия карда шаванд:

- **Муродзода Аҳмадхон Амрохон** – доктори илмҳои таърих, директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ;
- **Сайнаков Сайнак Парпишоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ;

Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таъин карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдуллоро дар мавзуи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ–ул–вақоеъ»–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқиашон ба ихтисоси ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат дорад, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

-**Муродзода Аҳмадхон Амрохон** – доктори илмҳои таърих, директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ;

-**Сайнаков Сайнак Парпишоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ;

3.Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таъин карда шавад.

4.Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи дисертатссия дар сомонаҳои ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи даснавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Олимов М.А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Акрамова С.Х.

доктори илмҳои таърих, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Зикриёева М.Ф.

28. 07. 2026